Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014
назди Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон
( 734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимова 64/1)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Олимбекзода Фахрия Олимбек дар мавзуи « Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти унвони дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Дар шароити муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ва инкишофи иқтисодиёти рақамӣ масъалаи баланд бардоштани сатҳи сифати хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим пайдо намудааст. Чункч дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёти миллӣ ва зуд тағйирёбии вазъи муносибатҳои иқтисодӣ хавфҳои эҳтимолии иқтисодию молиявӣ афзоиш ёфта истодаанд, ки таъсири манфӣ мерасонанд.

Рушди босуръати равандҳои иқтисодӣ, бахусус равандҳои иқтисодии панҷсолаи охир собит намуданд, ки онҳо метавонанд дар доираи кӯтоҳи вакт самти маҷрои худро тағйир дода, ба он ворид гардидани унсурҳоеро замина гузоранд, ки қаблан барои ин равандҳо маълум набуданд. Тавлид гардидани шабакаи умумиҷаҳонии интернет ва истифодаи васеи он дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ мисоли равшани онро ташкил медиҳад.

Тавлид гардидани шабакаи умумиҷаҳонии интренет, ба ҷузъи муҳим ва калидии соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ва ҳаёти инсон тадбил ёфтани он рӯйи кор омадани марҳилаи нави тараққиёт – пешрафти технологияҳои иттилоотиро замина гузошт. Дар натиҷа равандҳои иқтисодӣ, бахусус хизматрасониҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ мазмун ва моҳияти комилан нав пайдо намуданд. Технологияҳои иттилоотӣ ҷойгузини қувваи кории инсонӣ гардида, иҷрои вазифаҳои нисбатан мураккабро ба уҳда гирифтанд. Вакти кории барои иҷрои ин вазифаҳо масрафшаванда бамаротиб ихтисор гардида, онро нисбати субъектони фаъолияти тиҷоратӣ ба сармояи гаронарзиш табдил дод. Талаботи субъектони фаъолияти тиҷоратӣ дар ин манзар комилан тағйир ёфта, боиси дар назди субъектони пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои гуногун гузошта шудани вазифаҳои нав ба нави нисбатан мураккаб гардид, ки асоси меҳварии онро вакт ва суръати баланди пешниҳод ва иҷрои хизматрасониҳои талабшаванда ташкил медиҳад. Мутобиқ ба ин раванди нави соҳаҳои иқтисоди миллӣ – рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва ғайридвлатӣ ба вуҷуд омад.

Ҷолиби диққат аст, ки дар шароити рушд ва пешрафти технологияҳои иттилоотӣ ва рақамишавии равандҳо хизматрасониҳо ва маҳсулоти бонкии аз тарафи ташкилоти қарзии молиявии мамлакат нисбати мизоҷон пешниҳодшаванда ба таври афзалиятнок хислати классикӣ дошта, наметавонанд равандҳо ва талаботи технологиро дарёфт намоянд. Онҳо

нисбат ба дигаргуниҳои дар олами техника ва технология пайдошаванда сари вақт ва ба таври фаврӣ вокуниш нишон дода наметавонанд. Дигаргуниҳои дар олами техника ва технология пайдошаванда замоне вориди хизматрасониҳо ва маҳсулоти бонкии ташкилоти қарзии молиявии мамлакат мегарданд, ки онҳо аз нигоҳи маънавӣ аллакай куҳна гардидаанд. Дар ин марҳила бозори хизматрасониҳо ва маҳсулоти бонкии ҷаҳонӣ ба давраи нави ташаккулёбӣ ворид шуда, дар назди рақамишавии хизматрасониҳо ва маҳсулоти бонкӣ вазифаҳои нав мегузоранд. Масалан, танҳо дар се соли охир – шуруъ аз соли 2023 вориди фаъолияти бонкӣ ва кори бонкӣ дар Тоҷикистон гардидани ҳамёнҳои электронӣ. Ин дар ҳолест, ки фаъолияти бонкӣ ва кори бонкӣ дар кишварҳои хориҷӣ, масалан, Бельгия дар шакли «необонк ба роҳ монда шуда, хизматрасониҳо ва маҳсулоти бонкӣ пурра рақамӣ гардонида шудаанд».

Дар автореферати диссертатсия муаллиф оиди мафҳуми низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нуктаи назарияҳои олимони гуногунро саҳеҳ, фаҳмо овардааст. Бартариҳои низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва нақши он дар таъмини хавфҳои молиявӣ ва кам гардидани хароҷотҳо ҳангоми ҳисоббаробаркуни ва пардохтҳо ва дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои фосилавӣ ба таври возеҳ таҳлил карда шудааст.Муаллиф бисёр ба маврид ва сари вақт доир ба тахия ва ҷорикунии низоми нави хизматрсониҳои бонкӣ дараҷаи муайян гамудани сифати он пешниҳод намудааст, ки боиси дастгирӣ мебошад. Новобаста аз оне, ки рисолаи унвонҷу мустақилона анҷомдодашуда ва дорои муваффақияти калони илмӣ мебошад, боз ҳам беҳтар мегардид, агар ба масъалаи зерин аҳамияти аввалиндараҷа дода мешуд:

Дар кор (автореферат) муаллиф ақидаҳои олимони ватанию хориҷиро оиди мафҳуми низоми хизматрасониҳои бонкӣ мавриди муҳокима ва таҳлил қарор додааст, лекин ақидаи худро нисбати мафҳуми мазкур ба таври возеҳ баён накардааст.

Илова ба ин муаллиф дар автореферат бештар доир ба маҳсулотҳои бонкӣ ва хизматрасониҳои бонкӣ ҳарф задааст, муттасифона фарқи байни ин ду мафҳум қайд карда нашудааст. Ҳамчунин оиди такмил додани фаъолияти бонкҳои рақамӣ (необонкҳо) муфассал қайд нашудааст, зеро ҳарчи қадаре, миқдори онҳо зиёд бошанд, ҳамон қадар арзиши (хароҷотҳои) хизматрасонии онҳо пасттар гардида ба рушди низоми хизматрасониҳои молиявӣ дар минтақаҳо меорад.

Пешниҳодҳои баррасишаванда хусусияти тавсиявӣ дошта ба мазмуни афтореферат таъсири манфӣ намерасонад. Умуман кори илмии таҳқиқшаванда мустақилона буда, анҷомёфта ба ҳисоб меравад ва навгониҳои илмию амалиро ифода менамояд.

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсия дар мавзуи **“Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”,** аз руи натиҷаҳои илмии худ ба бандҳои Шиносномаи феҳрасти ихтисосҳои Комиссяи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва

қарз мувофиқат мекунад ва муаллифи он **Олимбекзода Фахрия Олимбек** арзандаи **дараҷаи илмии номзадии илмҳои иқтисодӣ мебошад.**

**Тақриздиҳанда,**
н.и.и., дотсенти кафедраи
иқтисодиёти байналмилалии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Имомназаров М.А.

Имзои Имомназаров М.А.-ро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ**
**ва назорати Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон** **Абдуназаров А.Ҷ**

734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 63/3
Телефон: (+992 37) 2349434, 2345910
Сомонаи расмӣ: www.tut.tj
E-mail: rectorat-tut@.mail.ru
«____» _______ соли 2026